ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии унвончӯйи МД Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Ғуломзода Бобоҷон Зариф. Мувофиқи омори расмӣ оид ба бемории сил (БС) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои дорои паҳншавии максималӣ ва минималии БС мавҷуданд, вале хусусиятҳои минтақавии омилҳои хатари инкишофи БС, махсусан дар манбаъҳои сирояти БС омӯхта нашудаанд. Аксаран ин омилҳо аз неруи кадрӣ низ вобастагӣ доранд, ки барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои зиддисилӣ масъуланд. Омӯзиши омилҳои мазкур асоси гузаронидани таҳқиқоти илмии мазкур гардидааст. Зиёда аз ин, вазъияти эпидемиологии ноҳияи Восеъ, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷойгир шудааст, муддати солҳои зиёде таҳти назорати ҷиддии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Вазъи эпидемиологии БС дар ҷамоати ба номи Худоёр Раҷабов (Пахтакор)-и ноҳияи Восеъ солиёни зиёде аз ҳама номусоидтарин дар мамлакат ба шумор мерафт, дар байни мардум ин минтақаи мамлакатро «Водии марг» номгузорӣ карда буданд. Дар он давра экспедитсияҳои илмӣ ташкил карда шуданд, ки ба ҳайати он олимон аз Федератсияи Русия шомил буданд. Вале хулосаҳои илман собитшуда оид ба сабабҳои вазъи номусоиди эпидемиологӣ дар минтақаи мазкур мутаассифона бароварда нашуданд. Дар натиҷаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 № 250 «Оид ба чораҳои беҳтар намудани ҳолати санитарию эпидемиологӣ ва иҷтимоии ҷамоатҳои «Сино» ва «Хоҷа Сартез»-и

вилояти Хатлон ва дигар фармону дастурҳои вазорату идораҳо оид ба беҳтар намудани вазъияти эпидемиологии минтақаи мазкур ба тасвиб расиданд. Дар кори мазкур вазъияти кунунии мубориза бар зидди БС дар ноҳияи Восеъ ва ноҳияҳои ба он ҳамшафати минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳлил карда шудааст.

Ғуломзода Б.З. факултаи тиббии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино"-ро дар соли в 1998 г. хатм намуда, дар соли 2008 аз курси тахассусгирии аввалияи духтури вогиршинос давоми ду сол дар заминаи МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандон дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омузиш кардааст. Аз соли 2005 инҷониб дар вазифаи Директори Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳияи Данғара кор карда истодааст. Инчунин аз соли 1998 инҷониб ҳамчун муалими Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара ҳамкорӣ карда истодааст. Ғуломзода Б.З. аълочии тандурустӣ ва аълочии маориф ва илми Тоҷикистон мебошад. Дар иҷрои вазифаҳои худ масулияти хоса дорад. Муалифи зиёда аз 15 корҳои илмӣ буда, 9-тои он ба мавзӯи илмӣ бахшида шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар Боби 1 шарҳи адабиёт дар мавзӯи "Тамоюли нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологӣ, омилҳои хатари инкишофи бемории сил дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ва муносибатҳои ташкилӣ нисбати гузаронидани чораҳои профилактикӣ дар манбаъҳои сирорят дар Тоҷикистон" оварда

шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 167 сарчашмаи илмиро дар бар мегирад. Боби мазкур иборат аз 3 зербоб буда, дар онҳо маълумот оиди паҳншавии бемории сил дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон; стратегияи барвақт ошкор намудан ва назорат намудани шахсони иртиботдошта ҳангоми бемории сил; омилҳо ва гурӯҳҳои хатари гирифторшавӣ ба бемории сил, таҳия карда шудааст.

Дар Боби 2 маълумот оиди мавод ва методҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудааст. Мавод барои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маълумотҳо дар бораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи БС дар давоми солҳои 2018-2023 мувофиқи Регистри миллии маълумот оиди БС «OpenMRS» дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат, инчунин ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2023, маълумотҳои ибтидоии ҳуҷҷатгузории аввалияи хадамоти зиддисилӣ: шакли № 036 (талони оморӣ барои бақайдгирии ташхисҳои хотимавӣ), шакли ҳисоботӣ оид ба БС – Шакли №8, журнали бақайдгирии беморон – БС-03 ва БС-03У, шакли ҳисоботи семоҳа – БС-07 ва БС-07У, инчунин ҳамаи шаклҳои пуркардашудаи №075 ва №213 дар ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2023 мебошад. Мо ҳамчунин нишондиҳандаи беморшавиро барои 100 ҳазор аҳолӣ нисбати ҳамаи минтақаҳои мамлакат, инчунин ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро барои солҳои 2022-2023 ба ҳисоб гирифтем.

Дар Боби 3. баҳои муқоисавии дараҷаи беморшавӣ ва ҷалби хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҳангоми кор дар манбаъҳои сирояти силлӣ дар минтақаҳои гуногуни мамлакат ва дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, таҳия карда шудааст. Дар натиҷа маълум гардид, ки нишондиҳандаи максималии гирифторшавӣ ба БС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 дар ВМКБ ошкор карда шуд (71,1 ба 100 ҳазор аҳолӣ), баъди ин вилоят ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (54,8 ба 100

ҳазор аҳолӣ) меоянд ва баъдан – дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ. Ҳамзамон бо назардошти миқдори мутлақи беморони гирифтори БС-и соли 2023 ба қайд гирифташуда (дар ВМКБ - 233 ҳодисаи БС, дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бошад – 1033 ҳодисаҳои БС), вазъияти эпидемиологӣ дар минтақаи Кӯлоб нисбатан ба дигар минтақаҳои мамлакат пуршиддаттар аст. Дар байни ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон соли 2023 нишондиҳандаи максималии беморшавӣ бо БМ дар Муъминобод - 68,0 ба 100 ҳазор аҳолӣ ошкор карда шуда, сипас аз рӯйи тартиби зиёдшавӣ ҷойгир шудааст: ш.Кӯлоб – 67,6, Ш. Шоҳин – 64,4, Ховалинг – 62,2, ноҳияи Кӯлоб – 54,9, Фархор – 54,0, Данғара – 52,6, Восеъ – 51,5, Балҷувон – 50,9, Ҳамадонӣ – 46,9, Темурмалик – 41,5 ба 100 ҳазор аҳолӣ. Ягона минтақа дар мамлакат, ки дар он фарогирии шахсони иртиботӣ бо беморони гирифтори шакли фаъоли БС дар соли 2023 минималӣ мебошад ва шумораи муоинаи беморони гирифтори шакли фаъоли БС аз 25% зиёдтар аст, ин ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мебошанд. Дар тамоми минтақаҳои дигари мамлакат бо муоина фарогирии шахсони иртиботдошта аз 80% зиёдтар аст. Ҳамзамон, ҳангоми чунин бо муоина фарогирии шахсони иртиботӣ – дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб назар ба минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ бештар беморони гирифтор шакли фаъоли БС ошкор карда шудааст. Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон солҳои 2022 ва 2023 назар ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ шахсони сироятнокшудаи бо химиопрофилактика фарогирифташуда пас аз истисно намудани шакли фаъоли БС бештар ошкор карда шуданд. Сифати пуркунии шакли №075 – хабарномаи фаврӣ оид ба бемории сироятӣ, заҳролудшавии ғизоӣ, шадиди касбӣ, аксуламалҳои ғайримуқаррарӣ ба эмкунӣ ва шакли №213 – варақаи эпидемиологии баҳодиҳӣ ва муоинаи БС дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон солҳои 2022 ва 2023 интеграт сияи

нокифояи хадамоти зиддисилӣ, КАТС ва ХНДСЭ-ро инъикос мекунанд.

Дар Боби 4 таҳлили мушкилоти эпидемиологӣ ва коркарди маҷмуи чорабиниҳои такмили пешгирии инкишофи беморӣ сил дар манбаъҳои сирояти сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

Боби 5 ба баррасии натиҷаҳои таҳқиқот бахшида шудааст, ки дар он хулосаҳои бадастомада бо дигар тадқиқотҳо қиёс карда шудааст.

Дар хулосаҳо ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ба баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Дараҷаи эътимоднокии нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои диссертатсия бо ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқот, коркарди оморӣ натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда мешавад. Хулосаву тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои омӯзиши муқоисавии дараҷаи беморшавӣ, фарогирӣ бо муоина ва омилҳои минтақавии хатари инкишофи БС дар байни шахсони иртиботдошта дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон асоснок карда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи беморӣ сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.21. №267) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:

Мудири кафедраи фтизиопулмонологияи
МДТ «ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино»,
доктори илмҳои тиббӣ,
профессор Бобохоҷаев О.И.

Суроға:

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Куч. Крилов, 5. Тел.: +992-985868080
E-mail: bobokhojaev@mail.ru

Имзои Бобохоҷаев Октам Икромович-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадро _____
«25» января соли 2025

Суроға:

734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
куч. Сино, 29-31, www.tajmedun.tj
Тел.: (+992) 933440393.
«25» января соли 2025